# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи **«Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

Омӯзиш ва баррасии вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти илмӣ дар айни замон муфид буда, барои ба низом даввовардани истилоҳоти миллӣ мусоидат менамояд.

Истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ таърихи куҳан дошта, то кунун дар нигоршоти он якрангии қолабҳо ҷой надорад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи он талаботи тақозои замон буда, метавонад барои ташаккул ва танзими истилоҳоти маъмурию коргузории забони тоҷикӣ мусоидат намояд.

Таҳқиқи вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ дар айни замон актуалӣ мебошад.

**Автореферати** Давлатов И. А. аз муқаддим, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, иборат аст.

**Муқаддимаи** автореферати диссертатсияи Давлатов И. А. тибқи талаботи навиштани корҳои илмӣ таҳия гардидааст. Мақсаду вазифаҳо ва навоварии таҳқиқ, арзиши назарию амалӣ, методу усулҳои таҳқиқ муайян гардида, масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, нишон дода шудааст.

Боби якуми автореферати диссертатсия «**Мавқеи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар низоми истилоҳии забони тоҷикӣ»** номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли аввал «**Марҳилаҳои асосии рушди истилоҳоти маъмурию коргузорӣ»** сухан дар бораи давраҳои ташаккулёбии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ меравад. Дар ин фасл муҳаққиқ сайри таърихӣ намуда, маводи фаровонеро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Фасли дуюм «**Хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ»** ба масъалаҳои истилоҳшиносӣ ва хосиятҳои забонии истилоҳ бахшида шуда, аз се зерфасл иборат мебошад. Зерфасли якум **«Мутобиқати савтӣ»** унвон дошта, дар ин зерфасл муҳаққиқ ба масъалаҳои тағйиротҳои фонетикии истилоҳҳои иқтибосӣ ва мутобиқшавии онҳо ба қонуну қоидаҳои забони тоҷикӣ баҳс мекунад.

Зерфасли дувум «**Хусусиятҳои луғавӣ**» ном дошта, дар ин бахш истилоҳоти маъмурию коргузорӣ вобаста ба соҳаи истеъмолашон ба гурӯҳҳо табақабандӣ гардида, таҳлил ба баррасӣ шудаанд.

Зерфасли сеюм **«Хусусиятҳои грамматикӣ»** унвон дошта, истилоҳоти маъмурию коргузорӣ аз лиҳозӣ вижагиҳои дастурӣ, яъне калимасозӣ, иборасозӣ ва ғ. мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Фасли сеюми** боби аввал «**Муродифшавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ»** унвон гирифта, бештар масоили гунапазирии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ, аз ҷумла, муродифшавӣ, вариантнокӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби дуюми рисола «**Вижагиҳои луғавию маънои истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ**» унвон дошта, аз чор фасл иборат аст. **Фасли аввали** боби мазкур «**Ифодашавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бо воситаҳои гуногуни забонӣ**» унвон дошта, дар он доир ба навъҳои маъмули вожа-истилоҳ ва ибора-истилоҳ мавриди баҳс меравад. Дар истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ҷойгоҳи хос доштани истилоҳибораҳои изофӣ бо мисолҳо нишон додааст.

**Фасли дуюми** боби дуюм «**Манбаъҳои пайдоиши истилоҳоти маъмурию коргузорӣ**» ном дорад. Дар ин фасл роҳҳои ба вуҷуд омадани ин навъи истилоҳот мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Фасли сеюми** боби мазкур «**Истилоҳоти куҳнашуда»** унвон дошта, муҳаққиқ бар он назар аст, ки истилоҳоти идорӣ аз «Авасто» маншаъ мегирад. Дар ин бахш истилоҳоти зиёде таҳлил гардидаанд, ки имрӯз дар истъмол нестанд .

**Фасли чоруми** боби дуюм «**Истилоҳоти иқтибосӣ»** унвон дошта, дар ин фасл истилоҳоти иқтибосии **арабӣ, русию аврупоӣ** таҳлил шудааст.

**Боби сеюми** диссертатсия «**Сохтори морфологии истилоҳоти маъмурии коргузорӣ»** унвон дошта, аз чор фасл иборат аст. Муҳаққиқ истилоҳоти маъмурию коргузориро аз лиҳози сохтори морфологӣ ба истилоҳоти сода, сохта, мураккаб ва омехта табақабандӣ намудааст.

**Фасли аввали** боби сеюм **«Истилоҳоти сода**» унвон гирифтааст. Муҳаққиқ дуруст қайд кардааст, ки «калимаҳои сода барои сохтани истилоҳоти дигари коргузорӣ имконияти зиёд медиҳанд ва дар заминаи ҳиссаҳои мустақилмаъноӣ нутқ истилоҳоти мухталиф месозанд».

**Фасли дуюми** боби сеюм «**Истилоҳоти сохта»** унвон дошта, пасванду пешвандҳои истилоҳсозро дар алоҳидагӣ таҳлил намуда, нақши онҳоро дар офаридани истилоҳоти сохта нишон додааст.

**Фасли сеюми** боби мазкур «**Истилоҳоти мураккаб»** унвони дошта, истилоҳоти мураккаб ба ду гурӯҳ пасваст ва тобеъ тасниф гардида, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ дар сохтани истилоҳоти мураккаби пайвасти маъмурию коргузорӣ ҷойгоҳи махсус доштани миёнвандҳои -а-, -у-, артикли -ул-и арабиро бо мисолҳо нишон додааст. Дар сохтани истилоҳоти мураккаби тобеъ мавкеи хос доштани калимаҳои **хона, дор, нома, омӯз** ва ғ. ро таъкид намуда, барои тақвияти андешаҳояш мисоли фаровонеро таҳлил намудааст.

**Фасли чоруми** боби сеюм «**Истилоҳоти омехта**» унвон гирифтааст. муҳаққиқ кӯшидааст дар ин фасл истилоҳоте, ки бо усули омехта сохта шудаанд, таҳқиқ намояд.

Дар хулоса натияаи пажуҳиш дар 13 банд оварда шудааст.

Дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки зикри баъзеи онҳоро бамаврид мешуморем:

1. Вожаи паноҳанда (36) сохта аст, на мураккаби омехта.

Бо вуҷуди ин ғалатҳои зикршуда сифати корро коста намегардонад, зеро довталаби дараҷаи илмӣ аз иҷрои мақсаду вазифаҳои дар кори таҳқиқии худ гузоштааш баромадааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пажуҳиши илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва барои дифоъ тавсия мешавад.

Доктори илми филология, мудири
кафедраи забони тоҷикии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино" Низомӣ С. Ф.

Суроға: 734003, ш. Душанбе,
Кучаи Сино 29-31
Тел:935154029
E-mail:sanobarnizomova66@gmail.com

МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" • ГОУ "Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино" • РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ • УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ

Суроғаи муассиса:
734003, ш. Душанбе,
кучаи Сино 29-31;
тел:446003977; факс 2353496
E-mail:info@tajmedun.tj
Web: WWW. tajmedun.tj

имзо/подпись Низомӣ С. Ф.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
/НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
"28" 08 2025 с/г

"28" 08 соли 2025 .